# БАРГУЗОРИИ МИЗИ МУДАВВАР БАХШИДА БА ҶАШНИ САДА

28-уми январи соли 2026 бо ташаббуси Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар толори пажӯҳишгоҳ мизи мудаввар бахшида ба ҷашни Сада дар мавзуи «Ҷашни нур, гармӣ ва эҳёи суннатҳои миллӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол» баргузор гардид. Мизи мудаввар бо сухани ифтитоҳии Ниёзӣ Сироҷиддин – директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оғоз ёфт. Зимни баромад таъкид гардид, ки гиромидошти ҷашнҳои бостонии миллӣ, аз ҷумла ҷашни Сада, яке аз самтҳои муҳими сиёсати фарҳангӣ ва маърифатии давлат буда, он дар партави ташаббусҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ мегардад. Қайд карда шуд, ки эҳёи суннатҳои миллӣ дар шароити соҳибистиқлолӣ ба таҳкими худшиносии миллӣ, тарбияи маънавию ахлоқии насли наврас ва ҳифзи мероси фарҳангии халқи тоҷик мусоидат мекунад. Дар ҷараёни мизи мудаввар маърузаҳои илмӣ шунида шуданд. Аз ҷумла, Амонӣ С. – мудири шуъбаи коркард ва татбиқи технологияи инноватсионии таълим (таҳсилоти 12-сола) дар мавзуи «Ҷашни Сада – расми ойини ниёгон» маъруза намуд. Ҳамчунин, Маҳкамов Д. – мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ дар мавзуи «Ҷашни Сада ва таърихи пайдоиши он» суханронӣ кард. Ёдовар мешавем, ки дар мизи мудаввари мазкур кормандони илмӣ фаъолона иштирок намуда, оид ба масъалаҳои баррасишуда фикру мулоҳиза ва пешниҳодҳои худро иброз доштанд. Дар анҷоми ҳамоиш мубодилаи афкор, музокира ва баромадҳои озод сурат гирифта, аз натиҷаҳои баррасишуда хулосабарорӣ гардид.


















Шоҳнома
Шоҳнома
Забони миллат ҳастии миллат

